**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ВБД: 657.1
ТКБ: 65.052.2
С-14

**САЙФИДДИНЗОДА САМАРИДДИН САЙФИДДИН**

# РУШДИ БАҲИСОБГИРИИ ИДОРАКУНӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ

**АВТОРЕФЕРАТИ**

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии
доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи
ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит)

**Душанбе – 2024**

Диссертатсия дар кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт –** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:** **Шарифов Зариф Раҳмонович –** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур

**Раҳимов Саидалӣ Холович** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити факултети баҳисобгирӣ-иқтисодии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Ҳимояи диссертатсия санаи 18-уми январи соли 2025, соати $08{:}^{00}$ дар маҷлиси шурои диссертатсионии **6D.КОА-003** назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон баргузор мегардад. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, к. Буни Ҳисорак, Шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 7, ауд. 102, e-mail: **6d.koa-003@mail.ru,** телефони котиби илмӣ: (+992) 919803110

Бо диссертатсия дар китобхонаи илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва сомонаи расмии он (www.tnu.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат санаи «____» «_________» соли 2024 фиристода шуд.

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Бобиев И.А.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Иттилоот дар ҳаёти иқтисодии инсон ҳамчун як захираи стратегии муҳим эътироф шудааст, ки ҳангоми истифодаи оқилонаи он аз натиҷаи фаъолияти хоҷагидории субъектҳои иқтисодӣ метавон самараи бештар ба даст овард. Ҳаҷми иттилоот меафзояд, он мунтазам нав мешавад, бинобар ин зарурати корбурди воситаҳои нав барои коркарди он ба миён меояд. Талаботи иқтисодиёти шакли нав, ки ба истифодаи дониш ва иттилоот такя мекунад, ба васеъшавии доираҳои корбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, ки манбаи асосии таъминоти иттилоотии қабули қарорҳои идоракунӣ дар субъектҳои иқтисодӣ мебошад, боис мешавад.

Ҳоло, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди татбиқи ҳамаҷонибаи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) дар доираи ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ идома дорад, ногузир вазифаҳо ва ваколатҳои хадамоти баҳисобгирии муҳосибӣ ва унсури нисбатан нави он – баҳисобгирии идоракунӣ вобаста ба ҳадафҳои ин ислоҳот густариш мeёбанд. Дар ин маврид мутахассиси соҳаи баҳисобгирии идоракунӣ на танҳо муҳосиб – иҷрокунандаи амалиёт ва дастурҳои расмиётии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва омодасозии ҳисоботи муҳосибӣ, балки таҳлилгар низ мебошад, ки дар асоси иттилоот оид ба равандҳои фаъолияти хоҷагидорӣ вазъи кунунии субъекти иқтисодиро таҳлил ва арзёбӣ намуда, дурнамои рушди онро муайян мекунад. Муҳосиб бояд ақидаи касбии худро дошта бошад ва ҳангоми омода намудани иттилоот барои таҳия ва қабули қарорҳои идоракунӣ, гузаронидани таҳлил, арзёбӣ ва ояндабинии фаъолияти субъекти иқтисодӣ ба он такя кунад.

Имрӯз бо таъсири равандҳои рақамикунонии иқтисодиёт низомҳои баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои иқтисодӣ ба дигаргуниҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Аз ҷумла, баҳисобгирии идоракунӣ, ки маъмулан бо баҳисобгирии хароҷот, ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот ва идоракунии он сарукор дорад, ба дигаргуниҳо ва мушкилоти иқтисодиёти рақамӣ бештар мутаассир аст. Рақамикунонӣ баҳисобгирии идоракуниро водор мекунад, ки методика ва равишҳои коркард ва пешниҳоди иттилоотро дигар кунад ва дар ин замина рушди мувофиқ ва мутобиқати худро ба талаботи иқтисодиёти шакли нав, ки дар он мақоми иттилоот муҳим аст, таъмин намояд.

Рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар асоси корбурди воситаҳои муосири рақамикунонӣ имкон медиҳад, ки фаврият ва саривақтии ташаккули ҳисоботи дохилии идоракунӣ дар субъектҳои иқтисодӣ баланд бардошта шуда, таркиб ва муҳтавои он беҳтар ва қарорҳои идоракунии дар асоси иттилооти ҳисоботи дохилӣ таҳияшаванда самарабахш бошанд. Ҳамаи ин гуфтаҳо мубрамии таҳқиқи масъалаҳои рушди баҳисобгирии идоракуниро дар шароити иқтисодиёти рақамӣ муайян мекунанд.

Дар диссертатсия асосҳои назариявӣ ва равишҳои методии ташакул ва рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рақамикунонӣ таҳқиқ карда шуда, таҳлил ва арзёбии имконияти корбурди воситаҳои муосири рақамикунонӣ дар амалияи пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои тиҷоратии

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷо оварда мешавад ва дар ин замина дурнамои рушди он дар асоси татбиқи низоми автоматикунонидашудаи баҳисобгирии идоракунӣ дар муҳити рақамикунонӣ муайян карда мешавад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Доир ба таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва методӣ, инчунин омӯзиши ҷанбаҳои амалии рушди баҳисобгирии муҳосибии идоракунӣ дар адабиёти ватанию хориҷӣ интишороти зиёди илмӣ мавҷуд мебошанд. Масъалаҳои умумии ташаккул ва рушди баҳисобгирии идоракунӣ да асарҳои олимони хориҷӣ И.В. Алексеева, А. Апчерч, М.А. Вахрушина, Ч. Гаррисон, К. Друри, И.В. Иванова, Н.А. Калутская, Т.П. Карпова, В.Э. Керимов, Ю.И. Сигидов, Ч. Хорнгрен, А.Д. Шеремет, Р. Энтони баррасӣ шудаанд. Дар асарҳои олимони ватанӣ И.А. Бобиев, Б.Э. Бобомуродов, У.Ф. Ғаниев, Д.Н. Дадоматов, М.В. Калемуллоев, М.Б. Каримиён, Г.Т. Қодирова, С.Ф. Низомов, Д.А. Розиев, Н.М. Собирзода, Ҳ.Қ. Шоймардонов низ ба ин масъалаҳо таваҷҷуҳ карда шудааст. Олимони ватанӣ Н.А. Абдулмуминзода, М.У. Бобоев, У.Ф. Ғаниев, М.Х. Давлатзода, Б.Ҳ. Каримов, С.Ф. Низомов, Д.Т. Расулов, Д.А. Розиев, Қ.Х. Хушвахтзода, А.З. Ҳафизов, М.М. Шамсиддинов, Ҳ.Қ. Шоймардонов паҳлуҳои гуногуни масъалаҳои ташкил ва пешбурди баҳисобгирии идоракуниро дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт баррасӣ кардаанд. Дар асарҳои олимони хориҷӣ М.С. Алам, М. Арнаболди, И.Р. Биман, М. Бергман, И.Н. Богатая, З.В. Кирянова, Н.Т. Лабинтсев, Т.М. Одинтсова, А.У. Панахов, О.В. Рожнова, Е.А. Супрунова, Т.Г. Шешукова ва муҳаққиқони ватанӣ М.Х. Давлатзода, М.В. Калемуллоев, Б.Ҳ. Каримов, А.А. Мирзоалиев, Ш.А. Ҳоҷиева, З.Р. Шарифов баъзе паҳлуҳои масъалаи рақамикунонии баҳисобгирии муҳосибӣ, аз ҷумла баҳисобгирии идоракунӣ таҳқиқ шудаанд. Қайд бояд кард, ки масъалаҳои рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ таҳқиқи бештари худро талаб мекунанд ва имрӯз анҷом додани таҳқиқот дар ин самти баҳисобгирии муҳосибӣ зарур аст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот бо Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 октябри соли 2016, № 392), Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, № 642) алоқаманд мебошанд. Диссертатсия мувофиқи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади диссертатсия таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ, омӯзиши заминаҳои ташаккул ва равишҳои методии низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рақамикунонӣ ва дар ин асос ташкили низоми баҳисобгирии идоракунии рақамикардашуда дар корхонаҳои тиҷоратӣ мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Вобаста ба мақсади гузошташуда дар диссертатсия чунин вазифаҳо иҷро карда мешаванд:

1. Таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва заминаҳои таърихию иқтисодии ташаккули баҳисобгирии идоракунӣ, муайян кардани робитаи он бо баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии истеҳсолӣ.

2. Омӯзиши асосҳои пойдоршавии низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва заминаҳои табдили равишҳои методии ташаккули иттилооти баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ.

3. Таҳлили вазъи пешбурди пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ ва пойгоҳи иттилоотии он дар шароити рақамикунонӣ.

4. Таҳлил ва арзёбии имконияти корбурди воситаҳои муосири рақамикунонӣ дар низоми баҳисобгирии идоракунии корхонаҳои тиҷоратӣ.

5. Муайян кардани самтҳои рушди воситаҳои методии баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ.

6. Таҳияи низоми автоматикунонидашудаи баҳисобгирии идоракунӣ бо дарназардошти иҷрои вазифаҳои баҳисобгирии идоракунии стратегӣ барои корхонаҳои тиҷоратӣ.

**Объекти таҳқиқот** амалияи рақамикунонии баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои тиҷоратӣ мебошад.

**Предмети таҳқиқот** назария, методика ва амалияи пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт мебошад.

**Фарзияи таҳқиқот.** Фарзияи таҳқиқот ба он асос меёбад, ки бо истифода аз воситаҳои муосири рақамикунонӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва бастаҳои нармафзори баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои тиҷоратӣ низоми автоматикунонидашудаи баҳисобгирии идоракунӣ ташкил карда мешавад, ки ба рушди баҳисобгирии идоракунӣ мусоидат карда, самаранокии иқтисодӣ ва рақобатпазирии маҳсулотро баланд бардошта, рушди устувори корхонаро дар шароити муосири иқтисодӣ таъмин мекунад.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот.** Диссертатсия ба асарҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, ки ба омӯзиши мушкилоти назариявию методологии ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт бахшида шудаанд, асос меёбад. Дар таҳқиқот усулҳои илмии мантиқӣ, таҳлилӣ, иқтисодӣ-оморӣ, иқтисодӣ-риёзӣ, графикӣ, коршиносӣ, истисно, муқоиса ва ғайра истифода шудаанд.

**Сарчашмаҳои маълумот.** Таҳқиқот ба санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ, иттилооти низомҳои баҳисобгирии идоракунӣ ва ҳисоботи идоракунии корхонаҳои тиҷоратӣ, маводи конференсияҳо ва интишорот дар соҳаи баҳисобгирии идоракунӣ такя мекунад.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия дар солҳои 2021-2024 дар кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар асоснок кардани ҷанбаҳои назариявӣ, равишҳои методӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба ташкили низоми автоматикунонидашудаи баҳисобгирии идоракунӣ ва рушди он бо истифода аз

воситаҳои муосири рақамикунонӣ ифода меёбад. Ҳамчун натиҷаҳои муҳими дорои навгонии илмӣ дар диссертатсия чунин нуктаҳои асосӣ ҷудо карда мешаванд:

1. Ҷанбаҳои назариявии ташаккули баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун унсури асосии таъминоти иттилоотии низоми идоракунии корхонаҳо таҳқиқ шудааст. Ақидаҳои олимони гуногун оид ба мафҳум ва моҳияти баҳисобгирии идоракунӣ омӯхта шуда, нуктаи назари муаллиф дар ин бора аниқ карда шудааст. Заминаҳои таърихӣ ва иқтисодии ташаккули баҳисобгирии идоракунӣ дар низоми идоракунии корхонаҳо таҳқиқ карда шуда, робитаи он бо баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии истеҳсолӣ муайян ва арзёбӣ карда шудааст.

2. Асосҳои ташаккули низоми баҳисобгирии идоракунии рақамӣ таҳқиқ гардида, хусусиятҳои асосии марҳилаҳои истифодаи воситаҳои рақамӣ дар баҳисобгирии муҳосибӣ муайян карда шудаанд. Дигаршавии аломатҳои баҳисобгирии идоракунӣ бо таъсири рақамикунонӣ таҳқиқ шуда, шароити ташаккули низоми нави баҳисобгирии идоракунӣ муайян карда шудааст. Заминаҳои табдили равишҳои методии ташаккули иттилооти баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ таҳлил ва арзёёбӣ карда шудаанд. Амсилаи баҳисобгирии идоракунии ба эътимод асосёфта таҳия карда шудааст.

3. Вазъи муосири ташкил ва пешбурди пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда шуда, имконияти истифодаи воситаҳои муосири коркарди автоматикунонидашудаи иттилоот дар асоси барномаҳои маъмули компютерии муҳосибӣ арзёбӣ карда шудааст. Вазъи пойгоҳи иттилоотии низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рақамикунонӣ таҳқиқ карда шуда, талаботи асосии ҷонибҳои манфиатдор ба пойгоҳи иттилоотии баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт муайян карда шудааст.

4. Дар асоси таҳлил ва арзёбии имконияти корбурди воситаҳои муосири рақамикунонӣ дар низоми баҳисобгирии идоракунии корхонаҳои тиҷоратӣ исбот карда шудааст, ки баҳисобгирии идоракунӣ ботадриҷ ҳамчун пойгоҳи иттилоотӣ барои қабули қарорҳои идоракунии босамар дар асоси методологияи баҳисобгирӣ, банақшагирӣ, буҷетикунонӣ, назорат, таҳлили идоракунӣ ва ояндабинӣ ташаккул ёфтааст. Имконияти корбурди маҳсулоти нармафзор барои рақамикунонии иҷрои вазифаҳои баҳисобгирии идоракунӣ таҳқиқ карда шуда, амсилаи таркиби воситаҳои рақамикунонии баҳисобгирии идоракунӣ барои таъмини кори муносиби низоми автоматикунонидашудаи баҳисобгирии идоракунӣ дар асоси бастаи нармафзори 1С: ERP ва амсилаи пешбурди якҷояи намудҳои баҳисобгирӣ бо истифодаи ин бастаи нармафзор таҳия карда шудааст.

5. Самтҳои асосии рушди воситаҳои методии баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ муайян карда шуда, тартиби истифодаи якҷояи воситаҳои муосири методии баҳисобгирии идоракунӣ ва бастаи нармафзори муҳосибии 1С: ERP (1С: Бухгалтерия 8.3) таҳия карда шудааст, ки барои

таҳкими раванди идоракунии фаъолияти истеҳсолию молиявӣ ва рушди амалии баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ имкон медиҳад.

6. Тартиби ташкили низоми автоматикунонидашудаи баҳисобгирии идоракунӣ бо дарназардошти иҷрои вазифаҳои баҳисобгирии идоракунии стратегӣ барои корхонаҳои тиҷоратӣ таҳия карда шудааст. Муҳтавои низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити корбурди воситаҳои рақамикунонӣ ва иҷрои вазифаҳои баҳисобгирии идоракунии стратегӣ таҳлил карда шуда, методикаҳои пешбурди баҳисобгирии идоракунии стратегӣ дар шароити рақамикунонӣ барои корхонаҳои тиҷоратӣ таҳия карда шудааст. Ҳамчунин амсилаи низоми ҳамгирои баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии молиявӣ дар шароити рақамикунонӣ таҳия карда шудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда**

1. Таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии ташаккули баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун унсури асосии таъминоти иттилоотии низоми идоракунии корхонаҳо. Таҳлили ақидаҳои олимон оид ба мафҳум ва моҳияти баҳисобгирии идоракунӣ, аниқ кардани нуктаи назари муаллиф оид ба мафҳум ва моҳияти баҳисобгирии идоракунӣ. Таҳқиқи заминаҳои ташаккули баҳисобгирии идоракунӣ дар низоми идоракунии корхонаҳо, арзёбии робитаи баҳисобгирии идоракунӣ бо баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии истеҳсолӣ.

2. Омӯзиши асосҳои ташаккули низоми баҳисобгирии идоракунии рақамӣ, муайян кардани хусусиятҳои асосии марҳилаҳои истифодаи воситаҳои рақамикунонӣ дар баҳисобгирии муҳосибӣ. Таҳқиқи дигаршавии аломатҳои баҳисобгирии идоракунӣ бо таъсири рақамикунонӣ, муайян кардани шароити ташаккули низоми нави баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рақамикунонӣ. Таҳлил ва арзёбии заминаҳои табдили равишҳои методии ташаккули иттилооти баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ. Таҳияи амсилаи баҳисобгирии идоракунии ба эътимод асосёфта.

3. Таҳлили вазъи муосири пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон, арзёбии имконияти истифодаи воситаҳои муосири коркарди автоматикунонидашудаи иттилоот дар асоси барномаҳои маъмули компютерии муҳосибӣ. Таҳқиқи вазъи пойгоҳи иттилоотии низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рақамикунонӣ, муайян кардани талаботи асосии ҷонибҳои манфиатдор ба пойгоҳи иттилоотии баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт.

4. Таҳлил ва арзёбии имконияти корбурди воситаҳои муосири рақамикунонӣ дар низоми баҳисобгирии идоракунии корхонаҳои тиҷоратӣ ва дар ин асос исбот кардани ботадриҷ ташаккул ёфтани баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун пойгоҳи иттилоотӣ барои қабули қарорҳои идоракунии босамар дар асоси методологияи баҳисобгирӣ, банақшагирӣ, буҷетикунонӣ, назорат, таҳлили идоракунӣ ваояндабинӣ. Таҳқиқи имконияти корбурди маҳсулоти нармафзор барои рақамикунонии иҷрои вазифаҳои баҳисобгирии идоракунӣ, таҳияи амсилаи таркиби воситаҳои рақамикунонии баҳисобгирии идоракунӣ барои таъмини кори муносиби низоми автоматикунонидашудаи баҳисобгирии

идоракунӣ дар асоси бастаи нармафзори 1С: ERP ва амсилаи пешбурди якҷояи намудҳои баҳисобгирӣ бо истифодаи 1С: ERP.

5. Муайян кардани самтҳои асосии рушди воситаҳои методии баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ, таҳияи тартиби корбурди якҷояи воситаҳои методии баҳисобгирии идоракунӣ ва низоми автоматикунонидашудаи баҳисобгирии муҳосибии бо доштани имконияти пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ дар асоси бастаи нармафзори 1С: ERP (1С: Бухгалтерия 8.3). Муайян ва тафсир кардани воситаҳои методии муосири баҳисобгирии идоракунӣ, ки истифодаи онҳо барои рушди пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рақамикунонӣ имкон медиҳад.

6. Таҳияи низоми автоматикунонидашудаи баҳисобгирии идоракунӣ, ки воситаҳои методӣ ва нармафзори он барои иҷрои вазифаҳои баҳисобгирии идоракунии стратегӣ дар корхонаҳои тиҷоратӣ имкон медиҳанд. Таҳлили муҳтавои низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити корбурди воситаҳои рақамикунонӣ ва иҷрои вазифаҳои баҳисобгирии идоракунии стратегӣ, таҳияи методикаҳои пешбурди баҳисобгирии идоракунии стратегӣ дар шароити рақамикунонӣ барои корхонаҳои тиҷоратӣ. Таҳияи амсилаи низоми ҳамгирои баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии молиявӣ дар шароити рақамикунонӣ.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Муқаррароти назариявии дар диссертатсия таҳияшуда метавонанд ҳамчун саҳми муҳим дар рушди илмии баҳисобгирии идоракунӣ муаррифӣ шаванд. Натиҷаҳои назариявии диссертатсия имконияти иҷрои таҳқиқотро дар самти рушди низоми автоматикунонидашудаи баҳисобгирии идоракунӣ бо истифодаи воситаҳои муосири рақамӣ ва нармафзори муҳосибӣ дар субъектҳои иқтисодӣ фароҳам меоранд. Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар истифодаи муқаррарот ва тавсияҳои пешниҳодшуда барои татбиқ дар низомҳои баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои иқтисодӣ ифода меёбад. Татбиқи амалии муқаррароти таҳияшуда имкон медиҳад, ки самаранокии низоми автоматикунонидашудаи баҳисобгирии идоракунӣ дар субъектҳои иқтисодӣ баланд бардошта шуда, дар баробари ин рақобатпазирии корхона дар бозор таҳким дода шавад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо истифодаи усулҳои махсус дар рафти иҷрои таҳқиқот, боэътимодии маълумот, ҳаҷми кифояи маводи таҳқиқшуда, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот, интишорот, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ тасдиқ мешавад. Хулоса ва тавсияҳо бо таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалиявӣ асос ёфтаанд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқот дар доираи муҳтавои бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси илмии 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) иҷро карда шудааст: 1.2. Методологияи ташаккули нишондиҳандаҳои баҳисобгирӣ, ки дар сатҳи микро- ва макроиқтисод маҷмуи иҷтимоию иқтисодиро тавсиф мекунанд, 1.3. Асосҳои методологӣ ва вазифагузориҳои мақсадноки баҳисобгирии муҳосибӣ, 1.13 Ташкили баҳисобгирии бухгалтерӣ (молиявӣ,

идоракунӣ, андозӣ, корпоративӣ ва ғайра) аз рӯи сегментҳо, бизнес-ҷараёнҳо ва сохторҳои таркибӣ, 1.14 Методологияи истифодаи технологияҳои замонавии иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар соҳаи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва ҳисобот.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии муаллиф дар таҳлил ва ҷамъбаст кардан, ба низом даровардан, аниқ ва пурра кардани равишҳои назариявию методӣ ва ҷанбаҳои амалии ташкил ва пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ бо истифодаи воситаҳои муосири рақамикунонӣ ва бастаҳои нармафзори муҳосибӣ ифода меёбад. Самтҳои асосии рушди воситаҳои методии баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ муайян карда шуда, тартиби корбурди воситаҳои методии баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рақамикунонӣ таҳия карда шудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли гузоришҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ пешкаш гардида, дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии «Иқтисодиёт ва менеҷменти муосир: назария, методология, амалия» (Пенза, 2024), «Иқтисодиёт дар назария ва амалия: масъалаҳои мубрам ва ҷанбаҳои муосир» (Пенза, 2024) ва дигарҳо баҳои мусбат гирифтаанд. Тавсияҳои таҳияшуда метавонанд дар низомҳои баҳисобгирии идоракунии корхонаҳои тиҷоратӣ ба кор бурда шаванд. Баъзе натиҷаҳои таҳқиқот дар раванди таълимии зинаи бакалавриат дар ихтисоси «Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит» истифода мешаванд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи таҳқиқот 8 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми 4,6 ҷузъи чопӣ (аз ҷумла 4,2 ҷузъи чопӣ аз муаллиф), аз онҳо 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ба нашр расонида шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт бо 150 номгӯй иборат аст. Матни диссертатсия дар 190 саҳифа дарҷ гардида, 22 расм ва 10 ҷадвалро дар бар мегирад.

## ҚИСМИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

**Дар муқаддима** мубрамии мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ нишон дода шудааст, мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот муайян гардидаанд, тавсифи асосии диссертатсия манзур карда шудааст.

**Дар боби якум** – «Асосҳои назариявию методии ташаккул ва рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ» моҳияти баҳисобгирии идоракунӣ таҳқиқ карда шуда, мафҳуми он муайян ва аз нигоҳи муаллиф аниқ карда шудааст, дар асоси омӯзиши равандҳои ташаккул ва рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ заминаҳои табдили равишҳои методоии ташаккули иттилооти баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ муайян карда шудааст.

Имрӯз мафҳуми баҳисобгирии идоракунӣ аз доираи мафҳуми баҳисобгирии муҳосибии анъанавӣ берун баромада, бо дарбаргирии вазифаҳои дигари идоракунӣ доираи соҳаи татбиқи худро васеъ мекунад – он ҳамчун унсури асосии таъминоти иттилоотӣ-таҳлилӣ ҳамаи марҳилаҳои омодасозӣ ва қабули қарорҳои идоракунӣ, банақшагирӣ,ояндабинӣ, буҷетикунонӣ,

идоракунии фаврӣ ва танзимкунии фаъолияти хоҷагидорӣ ва дар ниҳоят, назорат ва арзёбии иҷрои қарорҳои идоракуниро фаро мегирад. Ба ақидаи муаллиф, баҳисобгирии идоракунӣ – ин якҷояшавии намудҳои гуногуни фаъолияти иқтисодӣ, вазифаҳои идоракунӣ ва баҳисобгирӣ дар дохили корхона мебошад, ки барои ҷамъоварӣ ва коркарди иттилооти зарурӣ барои омодасозии ҳисоботи идоракунӣ ва таҳлили нишондиҳандаҳои фаъолияти корхона ва воҳидҳои сохтории он хизмат мекунад. Дар доираи баҳисобгирии идоракунӣ иттилоот оид ба фаъолияти корхона ташаккул меёбад ва он барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти мушаххаси идоракунӣ, чун такмили истеҳсолот, кам кардани хароҷот, беҳгардонии таркиби хароҷот ва иҷрои дигар вазифаҳои идоракунии дохилӣ ба кор бурда мешавад.

Арзи ҳастӣ намудани баҳисобгирии идоракунӣ таърихи тӯлонӣ дорад, заминаҳои пайдошавии он ҳамчун низоми мустақили баҳисобгирӣ ботадриҷ тавлид ёфта, бо мурури мукаммалгардии равандҳои истеҳсолӣ мукаммал шудаанд. Марҳилаҳои асосии ташаккул ва ишғоли мақоми баҳисобгирии идоракунӣ дар амалияи баҳисобгирӣ бо рушди иқтисодиёт ва ташаккули сохторҳои нисбатан мураккаби хоҷагидорӣ ва фаъолияти соибкорӣ робитаи зич доранд.

Дар охири асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX рушди саноат ба афзоиши рақобати байни истеҳсолкунандагон ва оғози раванди нархгузории озоди молҳо мусоидат мекунад. Акнун дар идоракунии корхонаҳо дар мадди аввал на танҳо бақайдгирӣ ва инъикоси маълумот дар бораи хароҷот ва даромади корхона, балки ташаккул ва корбурди маълумоте меистод, ки дар асоси он даромаднокии ҳар як намуди маҳсулот ва сатҳи фоиданокии нархҳои барои маҳсулот муқарраршударо метавон арзёбӣ кард. Дар натиҷа аз баҳисобгирии муҳосибӣ баҳисобгирии арзишҳисобкунӣ ҳамчун баҳисобгирии нисбатан фаврӣ ва муфассал ҷудо мешавад. Дар охири асри XIX ва оғози асри XX бо рушди равандҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои саноатӣ, такмили технологияҳои истеҳсолӣ, татбиқи равандҳои коркарди автоматӣ ва тарзҳои конвейерии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ раванди идоракунии истеҳсолот низ мураккаб гардид. Акнун маълумот оид ба арзиши аслии маҳсулот наметавонист, ки дар бораи сабабҳо ва айбдорони гароншавии арзиши аслӣ иттилоот диҳад. Дар натиҷа бухрони баҳисобгирии арзишҳисобкунӣ ба миён меояд. Ҳамаи ин ба табдили баҳисобгирии арзишҳисобкунӣ ба баҳисобгирии истеҳсолӣ боис гардид, ки вазифаи он идоракунии раванди ташаккули арзиши аслии маҳсулот мебошад. Тафовути асосии баҳисобгирии истеҳсолӣ аз баҳисобгирии арзишмуайянкунӣ ин нигарон будан ба оянда мебошад. Солҳои 1950 дар мамлакатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта дар илм ва фаъолияти идоракунии корхонаҳо ба ҷойи вожаи «баҳисобгирии истеҳсолӣ» вожаи «баҳисобгирии идоракунӣ» мақоми худро муқаррар кард. Худи ҳамин сол расман ҳамчун соли ҷудошавии баҳисобгирии муҳосибӣ ба ду самт (намуд) – баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии идоракунӣ қайд карда шуд.

Муносибати байни баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии истеҳсолӣ (баҳисобгирии хароҷот) ва баҳисобгирии идоракуниро ҳамчун унсурҳои

низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхона таҳқиқ намуда, мо чунин тарҳи робитаи онҳоро пешниҳод мекунем, ки дар он баҳисобгирии идоракунӣ зернизоми баҳисобгирии муҳосибӣ буда, дастгоҳи идоракунии корхонаро бо иттилооти барои банақшагирӣ, аз ҷумла, банақшагирии стратегӣ, идоракунӣ ва назорати раванди истеҳсолот истифодашаванда таъмин мекунад (расми 1). Дар ин маврид, баҳисобгирии идоракунӣ барои иҷрои вазифаҳои худ иттилоотро аз баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии истеҳсолӣ мегирад.




**Расми 1. – Робитаи байни баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии истеҳсолӣ ва баҳисобгирии идоракунӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Аз тарҳи инъикоскунандаи робитаи байниҳамдигарии намудҳои баҳисобгирӣ дида мешавад, ки баҳисобгирии молиявӣ барои тартиб додани ҳисоботи молиявӣ иттилооти баҳисобгирии истеҳсолиро истифода мебарад. Ҳамчунин тарҳи мазкур нишон медиҳад, ки ҳам барои баҳисобгирии молиявӣ ва ҳам барои баҳисобгирии идоракунӣ иттилооти дар доираи баҳисобгирии истеҳсолӣ ташаккулёфта оид ба арзиши аслӣ муҳим аст.

Дар баробари мураккаб шудан ва ҳамчун унсури муҳими низоми идоракунӣ пойдор шудани баҳисобгирии идоракунӣ доираи истифодаи он низ васеъ гардида, тамоми вазифаҳои асосии идоракунии фаъолияти субъектҳои иқтисодиро фаро мегирад. Имрӯз баҳисобгирии идоракунӣ низоми ояндабинӣ, банақшагирӣ, баҳисобгирӣ, назорат ва таҳлили иттилоот оид ба хароҷот ва натиҷаҳои молиявии корхона мебошад, ки рисолати он мусоидат ба ноилгардии ҳадафҳои идоракунӣ тавассути қабули фаврии қарорҳои идоракунӣ ба хотири бехгардонии фаъолият мебошад.

Акнун, ки равандҳои ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонии иқтисодиёт ба тамоми ҷанбаҳои фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ ворид шудаанд ва нуфузи иттилоот дар низоми идоракунии онҳо хеле баланд аст, талабот ба пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ низ ҷиддитар гардид. Дар натиҷа муносибати ҳам

маъмурияти корхонаҳо ва ҳам худи муҳосибони бо баҳисобгирии идоракунӣ сарукордошта бо иттилооти идоракунӣ дигар шудааст. Заминаҳои рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ маҳз дар талабот ба мукаммалсозии вазифаи иттилоотии он ифода ёфта, хусусиятҳои таъминоти иттилоотии баҳисобгирии идоракунӣ самтҳои рушди онро дар шароити рақамикунонӣ муайян мекунанд. Ҳамзамон самтҳои баҳисобгирии идоракунӣ дар субъектҳои иқтисодӣ вобаста ба шароити фаъолият дар муҳити рақамӣ дигаргун шуда, ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти онҳоро фаро мегиранд (расми 2).




**Расми 2. – Самтҳои фаъолияти фарогири баҳисобгирии идоракунӣ**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Эътироф бояд кард, ки имрӯз бештари корхонаҳо ҳанӯз ба сатҳи комили вазъи равандҳои тиҷоратии худ умуман ва ҳам ташкили баҳисобгирӣ дар воҳидҳои сохтории худ муваффақ нашудаанд. Мутаассифона, ҳам дар адабиёт ва ҳам дар амалияи ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои ватанӣ пайдо кардани мисолҳои ҳалли ҳамаҷонибаи масъалаҳои таъсис ва азнавташкилдиҳии низомҳои баҳисобгирии идоракунӣ барои ҳолатҳои тиҷоратии мушаххас ва бартараф кардани мушкилоти дар ин маврид пайдошуда воқеан душвор аст.

Ҳангоми таҳқиқи фаъолияти корхонаҳои тиҷоратӣ ошкор гардид, ки директорҳои молиявӣ, сармуҳосибон ва кормандони хадамоти баҳисобгирии муҳосибӣ ҳарчи бештар интизори ба амал омадани дигаргуниҳо дар низоми идоракунӣ ва таъминоти иттилоотии он - баҳисобгирии муҳосибии идоракунӣ мебошанд. Вале бештари кормандони хадамоти муҳосибии корхонаҳо бо вуҷуди интизориҳои мазкур ба кор дар доираи баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рақамикунонӣ омода нестанд. Вобаста ба дигаршавии вазифаҳои баҳисобгирии идоракунӣ, тарзҳо ва воситаҳои амалисозии он дар шароити иқтисодиёти рақамӣ онҳо бояд донишҳои худро барои кор дар шароити рақамикунонӣ такмил диҳанд.

Ҳоло дар баъзе корхонаҳои истеҳсолии навтаъсис, ки ба таҷрибаи хориҷии фаъолияти идоракунӣ дар мамлакатҳои пешрафта пайравӣ мекунанд, хадамоти махсус барои роҳандозии раванди гузариш ба низоми идоракунии бо истифодаи технологияҳои рақамӣ асосёфта, масалан, дар хадамоти маркетинг, идораи

кормандон ва молия таъсис дода мешаванд. Ба андешаи мо, таъсиси чунин шуъбаҳо ё хадамот барои рақамикунонии баҳисобгирии идоракунӣ низ зарур аст.

Дар шароити густариши иқтисодиёти рақамӣ ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи муносибатҳои иқтисодии байни иштирокчиёни бозор бештар дар шакли электронӣ тартиб дода мешаванд. Азбаски онҳо дар шакли маҷозӣ дастрас мебошанд, бо вуҷуди пешрафти воситаҳои ҳифзи маълумот, ҳанӯз ҳам имконияти дастрасии беиҷозат ба онҳо зиёд аст, нусхабардории онҳо барои донандагони технологияҳои иттилоотӣ кори душвор нест. Ҳамаи ин аз дараҷаи пасти эътимод дар шароити иқтисодиёти рақамӣ гувоҳӣ медиҳад.

Намудҳои гуногуни эътимод метавонанд дар марҳилаҳои гуногуни муносибатҳои иқтисодӣ рушд ёбанд ва боварӣ дар як марҳила ба рушди эътимод дар сатҳи дигар мусоидат мекунад. Мо тинати баҳисобгирии идоракунии ба эътимод асосёфтаро дар шакли амсила тасвир кардем (расми 3).




**Расми 3. – Баҳисобгирии идоракунии ба эътимод асосёфта**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиёт

Аз амсилаи таҳиягардида ба назар мерасад, ки тамоми муносибатҳои иқтисодии байни корхонаҳо дар муҳити рақамӣ ба эътимод асос меёбанд. Дар навбати худ, эътимод аз бастани қарордодҳо ва шартномаҳои хоҷагӣ, салоҳиятҳое, ки қонунгузорӣ ба субъектҳои иқтисодӣ пешниҳод мекунад, инчунин аз обрӯю эътибори бозорӣ (гудвилл)-и бадастовардаи ҳар як корхона вобаста мебошад.

**Дар боби дуюм** – «Таҳқиқи амалияи баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рақамикунонӣ» вазъи муосири ташкил ва пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рақамикунонӣ таҳқиқ шуда, пойгоҳи иттилоотии низоми баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун ҷиҳати муҳими баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рақамикунонӣ арзёбӣ карда шуда, имконияти корбурди воситаҳои муосири рақамикунонӣ дар баҳисобгирии идоракунӣ таҳлил карда шуда, тавсияҳои амалӣ барои рушди рақамикунонии баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳо пешниҳод карда шудаанд.

Омӯзиши мо нишон дод, ки дар аксари корхонаҳои таҳқиқшуда, ки дар соҳаи саноат фаъолият мекунанд, барои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, аз ҷумла баҳисобгирии идоракунии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслӣ воситаҳо ва усулҳои анъанавии коркарди иттилоот дар асоси барномаҳои маъмули компютерӣ – ҷадвалҳои электронии Excel (ҶДММ «ИИ Нассоҷии Тоҷик», ҶДММ «Файзрез», ҶДММ «Сангреза») ба кор бурда мешаванд. Дар баъзе корхонаҳо, чун ҶДММ «ТАЛКО Кемикал», ҶСК «Азот», ҶСП «Комбинати металлургии тоҷик» ва ҶСК «Ширкати алюминийи тоҷик» барномаҳои компютерии муҳосибӣ, аз ҷумла бастаи 1С: Бухгалтерия истифода мешаванд, ки дар онҳо иҷрои амалиёт дар доираи баҳисобгирии идоракунӣ низ имкон дорад.

Дар самти татбиқи технологияҳои рақамӣ бонкҳо, ки барномаҳои компютерии махсусро истифода мебаранд, ба муваффақият ноил шудаанд. Истифодаи технологияҳои рақамии муҳосибӣ (аз ҷумла маҳсулоти ширкати 1С) дар корхонаҳои саноатӣ низ мушоҳида мешавад. Ҳоло барои иҷрои вазифаҳои баҳисобгирии идоракунӣ бо истифода аз технологияҳои рақамии муҳосибӣ якчанд барномаҳое маъмуланд, ки ба панҷ гурӯҳ ҷудо мешаванд (расми 4).




**Расми 4. – Гурӯҳбандии барномаҳои компютерии муҳосибӣ барои баҳисобгирии идоракунӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Аксари корхонаҳо барои иҷрои вазифаҳои баҳисобгирии идоракунӣ ҷадвали электронии Excel-ро истифода мебаранд, ки ин роҳи сода ва ҳамзамон арзонтарини рақамикунонии баҳисобгирии идоракунӣ мебошад. Зеро ҷадвали электронии Excel дастаи зиёди афзорҳои барои коркард ва таҳлили маълумот, иҷрои ҳаргуна ҳисобкуниҳо ва тартиб додани ҳисоботро дар бар мегирад.

Дар корхонаҳои тиҷоратӣ, асосан корхонаҳои соҳаҳои саноат ва савдо истифодаи барномаҳои махсуси муҳосибӣ, ки ҳамзамон дорои имконияти пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ мебошанд, маъмул гардидааст. Аз ҷумла, бастаи нармафзори 1С: Предприятие ба таври васеъ истифода мешавад, ки дар он барномаи муҳосибии 1С: Бухгалтерия ҳамчун яке аз унсурҳои асосӣ буда, модули алоҳидаи он имконияти иҷрои вазифаҳои баҳисобгирии идоракунӣ ва тартиб додани ҳисоботи идоракуниро пешниҳод мекунад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар тариқаҳои появии барномаи 1С: Бухгалтерия 8 (8.2-8.3) истифода мешаванд, ки интерфейси онҳо ба забони русӣ буда, танҳо нақшаи

ҳисобҳо ва тартиби ҳисобкунии андозҳо мувофиқи қонунгузории миллӣ татбиқ шудааст. Вале дар онҳо пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ имкон надорад.

Ба андешаи мо, роҳи муносиби татбиқи баҳисобгирии идоракунӣ бо истифода аз барномаи 1С: Бухгалтерия, ин истифодаи барномаи асили русӣ мебошад. Дар ин маврид корхонаи татбиққунандаи барнома бояд дар ҳайати кормандони худ мутахассисе дошта бошад, ки барномаро бо дарназардошти хусусиятҳои фаъолият дигаргун намуда, ҳамчунин дар он риояи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҷорӣ кунад. Бояд қайд кард, ки ширкати таҳиякунандаи 1С: Бухгалтерия ба истифодабаранда чунин имкониятро дар доираи шартномаи франшиза пешниҳод мекунад. Дар сурати дар ҳайати кормандони корхона набудани мутахассиси донандаи баҳисобгирии идоракунӣ ва технологияҳои рақамӣ, он метавонад вазифаҳои татбиқи баҳисобгирии идоракунии рақамиро ба ширкати аутсорсингӣ супорад.

Ба андешаи мо, вазъи ташкил ва пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рақамикунонӣ дар корхонаҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон қаноатбахш нест. Сабаби асосии ин омода набудани роҳбарият, менеҷмент ва кормандони хадамоти муҳосибии корхонаҳо барои кор дар шароити иқтисодиёти рақамӣ мебошад. Шахсони мазкур барои кор бо технологияҳои рақамии барои баҳисобгирии идоракунӣ таҳияшуда дониш ва малакаҳои заруриро надоранд. Бинобар ин, дар аксари корхонаҳо (асосан корхонаҳои хурд ва миёна) воситаҳои содатарин, чун ҷадвали электронии Excel барои иҷрои вазифаҳои содатарини баҳисобгирии идоракунӣ истифода мешаванд. Бастаи 1С: Бухгалтерия асосан барои мақсадҳои баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ истифода мешавад ва дар баъзе корхонаҳо имкониятҳои он барои иҷрои вазифаҳои содатарини баҳисобгирии идоракунӣ, аз ҷумла ҳисобкунии арзиши аслии намудҳои алоҳидаи маҳсулот низ истифода мешаванд. Низомҳои ERP, ки имрӯз дар корхонаҳои бузурги хориҷӣ барои иҷрои вазифаҳои баҳисобгирии идоракунӣ имкониятҳои калонро пешниҳод мекунанд, дар корхонаҳои ватанӣ истифода намешаванд.

Тавре омӯзиши низомҳои баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои ватанӣ нишон медиҳад, ҷанбаи осебпазир дар пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, аз ҷумла дар баҳисобгирии идоракунӣ ин сатҳи пасти иттилоотнокии шаклҳои ҳисобот (ҳисоботи идоракунӣ) мебошад. Дар шароити муосири рушди иқтисодиёт, ки бо равандҳои ҷаҳонишавӣ, ҳамгироии иқтисодӣ ва рақамикунонӣ марбут аст, барои ҳалли масъалаҳои стратегии рушди иқтисодии корхонаҳо дар назди роҳбарият ва менеҷменти онҳо вазифаи пайгирии нишондиҳандаҳои ҷорӣ ва стратегии рушди фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ муносибати ҷиддиро тақозо мекунад. Хадамоти муҳосибӣ бо нодида гирифтани ҳамагуна эҳтиёҷоти иттилоотии менеҷменти корхона ва таваҷҷуҳи бештар ба истифодабарии қоидаҳои андоз ва талаботи молиявии мақомоти давлатӣ кӯшиш менамоянд, ки хароҷоти пешбурди баҳисобгирӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи идоракуниро бо ҳар роҳ ба ҳадди ақал кам кунад. Ин барои бозбинии ҳамаҷонибаи пойгоҳи иттилоотии низоми баҳисобгирии идоракунӣ водор месозад. Равандҳои ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонии иқтисодиёти муосир

тамаркузи диққатро ба вазифаи ояндабинии баҳисобгирии идоракунӣ талаб менамоянд, зеро имрӯз пешбинӣ намудани рушди иқтисодии корхона ва хусусиятҳои ин ё он равандҳо ва зуҳуроти иқтисодӣ, ки метавонанд ба қабули қарорҳои идоракунӣ ва бунёди арзиш таъсир расонанд, беш аз пеш мураккаб мегардад.

Акнун маълум мешавад, ки доираи таваҷҷуҳи баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун воситаи қабули қарорҳои идоракунӣ дигар мешавад, зеро объектҳои нави баҳисобгирӣ на танҳо дар шакли дороиҳо ва сармояи анъанавӣ, балки дар шакли объектҳое, ки қаблан ба доираи баррасии баҳисобгирии идоракунӣ дохил намешуданд, ба мисли сармояи инсонӣ, мизоҷон ва дигарҳо муайян карда мешаванд. Ин қабил объектҳо дар марҳилаҳои аввали рушди баҳисобгирии идоракунӣ умуман ҳамчун объекти баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслӣ муайян карда нашуда буданд. Ҳамаи ин ба доираи фарогирии пойгоҳи иттилоотии баҳисобгирии идоракунӣ тағйирот ворид намуда, тақозо мекунад, ки иттилоот дар бораи объектҳои нави рақамии баҳисобгирии идоракунӣ дар он нуфузи бештар дошта бошад.

Барои такмили методологияи ташаккули пойгоҳи иттилоотии баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт масъалаи таҳлили иқтисодӣ дар асоси ҳисоботи молиявӣ низ муҳим аст. Ҳалли ин масъала имконпазир мешавад, агар дар ҳисоботи молиявӣ, ки барои ҳадафҳои баҳисобгирии идоракуни ба кор бурда мешавад, натиҷаҳои молиявии истифодабарии тамоми захираҳои харҷшуда воқеъбинона инъикос ёфта ва натиҷаҳои молиявии ҳисобкардашуда саҳеҳ бошанд. Ҳамзамон яке аз мушкилоти асосӣ ҳангоми ташаккули пойгоҳи иттилоотии баҳисобгирии идоракунӣ ин аст, ки сарфи назар аз муҳимии иттилооти барои қабули қарорҳои идоракунӣ зарурӣ, баъзан дар корхона тамаркузи диққати роҳбарият ва менеҷмент ба иттилооти миқдорӣ ва нодида гирифтани омилҳои сифатӣ ба амал меояд. Ин ҳолат аз ҷиҳати арзёбии самаранокии фаъолият хуб нест, зеро қабули қарорҳои дуруст танҳо бо ба ҳисоб гирифтани тамоми иттилооти мавҷудбуда имконпазир аст.

Рушди рақамикунонӣ ва технологияҳои иттилоотии баҳисобгирии муҳосибӣ бояд ба такмили раванди идоракунии корхона мусоидат кунад ва аз ин рӯ, корбурди дурусти онҳо ба хотири ба даст овардани боздеҳии бештар аз фаъолияти молиявию истеҳсолӣ масъалаи хеле муҳим аст. Ҷанбаи муҳиме, ки бояд ба он диққати махсус дода шавад, ташкили дуруст ва роҳандозӣ намудани методикаи пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ бо истифодаи бастаи муайяни нармафзори баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад.

Таҳқиқоти мо нишон медиҳад, ки дар аксари корхонаҳо на танҳо воситаҳои рақамикунонии муосир истифода намешаванд, балки худи баҳисобгирии идоракунӣ ба таври муносиб ташкил карда нашудааст. Вале дар якчанд корхонаҳои нав бо истифодаи таҷрибаи пешқадами хориҷии корбурди воситаҳои рақамикунонӣ сатҳи ташкилии баҳисобгирии идоракунӣ хеле баланд бардошта шудааст. Низомҳои менеҷменти корхонаҳои мазкур, ки асосан мутахассисони донандаи технологияҳои иттилоотии муосир ва баҳисобгирии

муҳосибиро фаро гирифтаанд, ба рақамикунонии баҳисобгирии идоракунӣ диққати муҳим медиҳанд.

Имрӯз дар бозори нармафзори соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ доираи васеи бастаҳои барномавии дар асоси ERP (банақшагирии захираҳои корхона) сохташуда вуҷуд дорад, аз ин рӯ, аз нуқтаи назари нарх корхонаҳо имрӯз имкон доранд, ки дар байни онҳо бастаҳои арзон, миёна ва гаронро интихоб кунанд. Омӯзиши сохт ва тартиби кори чунин бастаҳои нармафзор нишон дод, ки асоси корбурди ҳар яке аз онҳо барои баҳисобгирии идоракунӣ ин омезиши тамоми маълумот оид ба захираҳои корхона дар пойгоҳи ягона бо доштани имконият барои иҷрои вазифаҳои идоракунӣ, таҳлил, тафсир ва ояндабинӣ мебошад.

Одатан нармафзори дар асоси ERP сохташуда ба модулҳо тақсим мешавад ва метавонад кушода (яъне онро тағйир додан мумкин аст) ё пушида (онро тағйир додан мумкин нест) бошад. Албатта, низомҳои кушода аз ҷиҳати ҷурсозии барнома барои эҳтиёҷоти корхонаи мушаххас чандиртар мебошанд, вале ин маънои онро надорад, ки низоми пушидаи ERP наметавонад эҳтиёҷоти корхонаро ба автоматикунонии баҳисобгирии идоракунӣ пурра қонеъ кунад. Ин ҷо душвории масъала танҳо дар он ифода меёбад, ки интихоб ва амалисозии барномаи шакли пушида раванди нисбатан тӯлонӣ ва меҳнатталаб аст. Таркиби модулҳое, ки ба бастаи нармафзор дохил карда мешаванд, метавонад на танҳо вобаста аз намуди барнома, балки вобаста аз сиёсати муқаррарии маркетингии корхонаи таҳиякунанда низ фарқ кунад. Баъзе таҳиягарони барномаҳо ба мизоҷ бастаи собити барномаро бо модулҳои пешакӣ муқарраршуда пешниҳод мекунанд, дигарон – имконияти аз ҷониби мизоҷ интихоб шудани баста ва омезиши модулҳоро, сеюмиҳо – модули муҳимро бидуни замимакунии ягон хел модули начандон мубрам ба мизоҷон намефурӯшанд.

Мо дар таҳқиқоти худ амсилаи таркиби воситаҳои рақамикунонии баҳисобгирии идоракунӣ, ки кори муносиби низоми автоматикунонидашудаи баҳисобгирии идоракунии дар асоси ERP сохташударо дар корхона таъмин мекунад, тартиб додем (расми 5).




**Расми 5. – Амсилаи таркиби воситаҳои рақамикунонии баҳисобгирии идоракунӣ дар низоми ERP**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Дар аксари бастаҳои барномавии муҳосибӣ, ки дар онҳо имконияти ташкил ва пешбурди автоматикунонидашудаи баҳисобгирии идоракунӣ мавҷуд аст, рақамикунонии пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ метавонад дар асоси амсилаи таҳияшуда ба роҳ монда шавад.

Мо имконияти корбурди воситаҳои рақамикунонии баҳисобгирии идоракуниро дар бастаи барномавии 1С: Бухгалтерия (дар заминаи низоми ERP) таҳқиқ кардем, ки он автоматикунонии тамоми равандҳои тиҷоратии асосии корхонаро таъмин мекунад. Барнома аз якчанд бахшҳои вазифавӣ (модулҳо)-е иборат мебошад, ки барои инъикос кардани ҳамаи амалиёти хоҷагидорӣ ва пешбурди баҳисобгирии фаврӣ, молиявӣ, идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз, инчунин баҳисобгирии кормандон ва пардохти меҳнат, роҳандозӣ намудани буҷетикунонӣ дар корхона имконият медиҳанд. Вале барномаи 1С: ERP ҳоло барои истифодабарандагони ватанӣ танҳо дар шакли таҳияи аслӣ (интерфейс бо забони русӣ, нақшаи ҳисобҳо ва дигар унсурҳои пешбурди рақамии баҳисобгирии муҳосибӣ мувофиқ ба шароити хоҷагидории Федератсияи Россия ҳамчун истеҳсолкунандаи барнома) дастрас буда метавонад, ки саҳифаи ошноии он дар расми 6 тасвир шудааст.




**Расми 6. – Намуди зоҳирии саҳифаи ошноӣ бо барномаи 1С: ERP**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Дар барномаи 1С: ERP мавҷудият ва пешбурди якҷояи намудҳои баҳисобгирӣ – баҳисобгирии фаврӣ, баҳисобгирии молиявӣ (баҳисобгирии танзимшаванда), баҳисобгирии муҳосибии байналмилалӣ, баҳисобгирии андоз ва баҳисобгирии идоракунӣ таъмин карда шудааст, ки амсилаи таҳияшудаи он дар расми 7 тасвир шудааст.

Ҳамчунин бояд қайд кард, ки бастаи нармафзори 1С: Предприятие имконияти васеъро барои идоракунии маълумот пешниҳод мекунад, аз қабили: маълумотномаҳо, феҳристҳо, гурӯҳбандиҳо, тарзҳои гуногуни ҷӯрсозиҳо, ташаккули тарҳҳо (графикҳо, диаграммаҳо), тасвирҳо, файлҳои PDF ва ғайра. Татбиқи баҳисобгирии идоракунӣ дар тариқаи нави барои истифодабарандагони ватанӣ дастраси барнома – 1С: Бухгалтерия 8.3 маҷмуи воситаҳои намунавӣ ё нармафзорҳои соҳавӣ, методологияи татбиқсозӣ, инчунин имконияти васеъ барои ҳамгироӣ бо барномаҳои гуногун мебошад. Ширкати 1С метавонад ба шарикони худ дар мамлакати мо тавассути шартномаи франчайзи инчунин конфигуратсияҳои махсус барои соҳаҳои алоҳидаи фаъолияти корхонаҳо, масалан, соҳаҳои гуногуни саноат, нақлиёт,

кишоварзӣ, корхонаҳои автомобилӣ ва дигарҳо мутобиққардашудаи барномаро пешниҳод кунад.




**Расми 7. – Амсилаи пешбурди якҷояи намудҳои баҳисобгирӣ дар 1С: ERP**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

**Дар боби сеюм** – «Дурнамои рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ» масъалаҳои рушди амалии воситаҳои методии баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ ва татбиқи низоми баҳисобгирии идоракунии стратегӣ ҳамчун унсури муҳими рақамикунонӣ дар корхонаҳои муосир баррасӣ шуда, дар ин асос барои рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ тавсияҳо пешниҳод карда шудаанд.

Тасдиқ карда шудааст, ки бо корбурди якҷояи воситаҳои методии баҳисобгирии идоракунӣ ва низоми автоматикунонидашудаи баҳисобгирии муҳосибӣ бо доштани имконияти пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ, масалан, дар асоси бастаи 1С: ERP корхона асоси заруриро барои қабули қарорҳои идоракунӣ дар намуди маълумоти санҷидашуда, ки аз манбаъҳои гуногун ҷамъоварӣ карда шуда, дар пойгоҳи ягонаи иттилоотӣ нигоҳдорӣ мешавад, ба даст меорад. Бастаи 1С: ERP барои бунёди низоми ҳисоботи идоракунӣ ҳам дар асоси методологияи ягона, ки худи низом пешниҳод мекунад, ҳам бо таҳия ва истифодаи воситаҳои методии баҳисобгирии идоракунӣ барои тартиб додани шаклҳои ҳисоботи идоракунӣ вобаста аз хусусиятҳои фаъолияти корхона имконият пешкаш мекунад.

Дар бастаи 1С: ERP (1С: Бухгалтерия 8.3) барои баҳисобгирии идоракунӣ методологияи томе таҳия карда шудааст, ки барои ҳисобкунии мунтазами

натиҷаи молиявӣ (ҳам барои корхона ва ҳам барои воҳидҳои сохтории он) имкон медиҳад. Барнома на танҳо ташаккули натиҷаи молиявии фаъолияти корхонаро таъмин мекунад, балки инчунин воситаҳои методии муносиби баҳисобгирии идоракуниро барои таҳлили онҳо пешкаш менамояд. Дар асоси имконияти 1С: ERP шумораи номаҳдуди шаклҳои ҳисоботи идоракунӣ, ки бо хусусиятҳои фаъолияти корхонаи мушаххас мувофиқат мекунанд, таҳия карда мешавад.

Дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт воситаҳои методии баҳисобгирии идоракунӣ доимо рушд карда, такмил меёбанд ва шумораи онҳо низ зиёд мешавад. Яке аз воситаҳои методии баҳисобгирии идоракунӣ, ки дар шароити рақамикунонӣ аҳаммияти он бештар шудааст, ин буҷетикунонӣ мебошад. Буҷетикунонӣ дар низоми автоматикунонидашудаи баҳисобгирии идоракунӣ имкон медиҳад, ки хароҷоти корхона дақиқтар пешгӯӣ карда шаванд ва саҳми ҳар як воҳиди тиҷоратӣ (маркази масъулияти молиявӣ) дар ноилгардии ҳадафҳои тактикӣ ва стратегии корхона аниқтар арзёбӣ карда шавад.

Яке аз воситаҳои методии муосири баҳисобгирии идоракунӣ, ки дар асоси технологияҳои рақамӣ амал мекунад, ин истифодаи дашбордҳо мебошад. Дашбордҳо лавҳаҳои идоракунии зеҳнӣ мебошанд, ки иттилоотро дар шакли биниши фаврӣ ба истифодабаранда пешниҳод мекунанд ва ин тафовути асосии онҳо аз ҳисоботҳо ва ҷадвалҳо мебошад. Дар раванди бунёди дашбордҳо иштироки инсон (мутахассис) кам карда мешавад, зеро ҳамаи маълумот дар вақти воқеӣ нав карда мешаванд, зарурати ҳамарӯза нав кардани иттилооти дар ҳисобот овардашуда аз байн меравад, зеро худи низоми автоматикунонидашудаи баҳисобгирии идоракунӣ ин амалро ба таври худкор анҷом медиҳад.

Омӯзиши кори низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, инчунин таҷрибаи ташкил ва пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад, ки роҳбарон ва мутахасссисони корхонаҳо баҳисобгирии идоракуниро бештар ҳамчун низоми баҳисобгирии хароҷот, ҳисобкунии арзиши аслӣ, тақсими хароҷот аз рӯйи марказҳои масъулияти молиявӣ, марказҳои хароҷот, макони хароҷот, намудҳо ва воҳидҳои маҳсулоти истеҳсолшаванда дарк мекунанд. Аксари олимон ва муҳаққиони соҳаи баҳисобгирии идоракунӣ низ ҳамин ақидаро ҷонибдорӣ мекунанд. Дар асл, дар баҳисобгирии идоракунӣ нақши баҳисобгирии хароҷот муҳимтарин аст, танҳо бо табдили низоми баҳисобгирии хароҷот дар корхона метавон ба ташаккули нишондиҳандаҳои асосии натиҷаҳои фаъолият таъсир расонида, фоидаи корхонаро баланд бардошт.

Ба туфайли корбурди воситаҳои муосири рақамикунонӣ, пеш аз ҳама нармафзори дар асоси низомҳои ERP сохташуда ва воситаҳои методии баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рақамикунонӣ, баҳисобгирии идоракунии стратегӣ дар иҷрои вазифаҳо ва ҳалли масъалаҳои асосии худ ба муваффақияти назаррас ноил гардида метавонад. Ҳамзамон бояд аниқ дар кард, ки корбурди воситаҳои муосири рақамикунонӣ ва технологияҳои иттилоотӣ

набояд равандҳои тиҷоратии дар корхона амалкунандаро душвор гардонида, ба ҳаргуна нофаҳмиҳо ва паст шудани масъулияти кормандон боис шавад.

Яке аз ҷиҳатҳои муҳими ташкили низоми автоматикунонидашудаи баҳисобгирии идоракунӣ дар корхона ин ташкили ҳамкории байни намудҳои баҳисобгирӣ, пеш аз ҳама робитаи баҳисобгирии идоракунӣ бо баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии андоз мебошад. Ин намудҳои баҳисобгирии муҳосибӣ низомҳои аз ҳам ҷудо буда наметавонанд, онҳо бо ҳамдигар пайваста буда, барои иҷрои вазифаҳои худ ҳамон як низоми нишондиҳандаҳои воқеиро аз ҳуҷҷатҳои аввалии баҳисобгирӣ истифода мебаранд. Бинобар ин, тарзи беҳтарини ташкили онҳо дар доираи низоми автоматикунонидашудаи баҳисобгирии идоракунӣ фаъолияти ҳамгирои онҳо мебошад. Дар натиҷа, масалан, бо истифодаи бастаи нармафзори 1С: Предприятие 8 (1С: Бухгалтерия 8.3) дар низоми баҳисобгирии муҳосибии ҳамгиро (баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии молиявӣ) имконият барои иҷрои вазифаҳои баҳисобгирии идоракунии стратегӣ амалӣ мегардад (расми 8).




**Расми 8. – Низоми ҳамгирои баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии молиявӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Бояд қайд кард, ки дастаи нармафзори 1С: Предприятие 8. Управление производственным предприятием (идоракунии корхонаи истеҳсолӣ) имкон медиҳад, ки тамоми воҳидҳои сохторӣ ва қитъаҳои баҳисобгирии корхонаи истеҳсолӣ мувофиқи стандартҳои миллӣ ва байналмилалӣ ба муҳити рақамикунонӣ фаро гирифта шуда, низоми автоматикунонидашудаи баҳисобгирии муҳосибии ҳамгиро амалӣ карда шавад. Ташаккули муҳити иттилоотии ягона дар корхонаҳои истеҳсолӣ барои фарогир намудани тамоми равандҳои тиҷоратӣ ва равандҳои баҳисобгирии муҳосибии ҳамгиро дар ҳамаи воҳидҳои истеҳсолии корхонаи асосӣ, корхонаҳои фаръӣ, филиалҳо ва дигар бахшҳои фаъолият имкон медиҳад.

## ХУЛОСА ВА ТАВСИЯҲО

### *Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия*

Аз натиҷаи таҳқиқоти анҷомдодашуда якчанд муқаррароти назариявӣ, тавсия ва пешниҳодҳои амалӣ доир ба рушди низоми баҳисобгирии идоракунии субъектҳои иқтисодӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ таҳия карда шудаанд. Ба шумори хулосаҳои муҳими аз натиҷаи диссертатсия таҳияшуда инҳо мансуб мебошанд:

